**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ)**

Маълум аст, ки таваҷҷуҳ ба омӯзиши шавқу рағбат таърихи дерина дорад, ба ин муаммо дар таҳқиқоти гуногуни психологию педагогӣ равшанӣ андохта шудааст. Дар аксари таҳқиқот муаммо асосан аз нигоҳи психологӣ коркард шуда, масъалаҳои зерин маънидод шудаанд: моҳияту табиати шавқ, имконпазир будани парваридани шавқу рағбат, механизми физиологии он, таносуби шавқу рағбат ва нерӯҳои дигари водоркунандаи шахсият, инкишофи шавқу рағбат ва ғайра.

Солҳои охир аксари олимон-педагогҳо ва психологҳо кӯшиш намуданд, ки на танҳо моҳияти шавқро дарк намоянд, балки ин мафҳумро муайян кунанд. Самти ба истилоҳ «зеҳнӣ» шавқу рағбатро асосан бо фаъолияти зеҳнӣ, дарку фаҳмиш, ҳамчунин бо кори тахайюл алоқаманд мекарданд, ки шавқу рағбатро дастгирӣ намуда, тақвият медиҳад. Намояндагони «самти эмотсионалӣ» шавқу рағбатро ба ҳисси хушҳоливу лаззате, ки кору эҷод ба инсон мебахшанд, монанд кардаанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки шавқу хушҳолӣ аз маърифат заруранд, то ки бачагон хушбахт бошанд. Намояндагони «самти волюнтаристӣ» шавқу рағбатро бо иродаи шахсият алоқаманд медонистанд: шавқу рағбат ангезае барои амал, бартараф намудани мушкилот мебошад.

Ислоҳоти соҳаи маориф нақши донишҳои назариявӣ дар низоми умумии мундариҷаи таҳсилоти мактабӣ баланд карданро дар назар

дорад, аз ҷумла, мундариҷаи мавод дар курси математика дар атрофи назарияҳои асосӣ тамаркуз дода мешавад. Нақши пешбари назарияҳо дар таълим имкон медиҳад, ки мундариҷаи тамоми бахшҳо, мавзӯъҳо, дарсҳо муттаҳид гарданд, барои истифодаи бошууронаи маҳорату малакаҳо замина фароҳам оварда шавад.

Мувофиқи таҳқиқоти сершумор меъёри нахусти нав будани маводи таълим, ғайриинтизор будани аксар хулосаҳо ва қонунҳо мебошад. Навгонӣ ҳамчун омили шавқу рағбати хонандагон ба асосии физиологии шавқи маърифатӣ наздиктар аст. Дар ин самт фанни математика барои нишон додани чизҳои наве, ки хонандагонро ҳайрону шавқманд менамоянд, имконияти зиёд дорад.

Бо ин мақсад, қайд кардан зарур аст, ки мавзӯи интихобнамудаи диссертант Қаҳорова С.Х. таҳти унвони «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавзуи мубрам ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб (ҳар як боб иборат аз 3 фасл), хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, баррасӣ шудааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои психологӣ – педагогии рушди шавқи маърифатии мактаббачагон» ба омӯзиши масъалаҳои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар заминаи таҳқиқоти психологию педагогӣ бахшида шуда, дидгоҳҳои педагогӣ ва методӣ нисбат ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон баррасӣ

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки самти ба истилоҳ «зеҳнӣ» шавқу рағбатро асосан бо фаъолияти зеҳнӣ, дарку фаҳмиш, ҳамчунин бо кори тахайюл алоқаманд мекарданд, ки шавқу рағбатро дастгирӣ намуда, тақвият медиҳад. Намояндагони «самти эмотсионалӣ» шавқу рағбатро ба ҳисси хушҳоливу лаззате, ки кору эҷод ба инсон мебахшанд, монанд кардаанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки шавқу хушҳолӣ аз маърифат заруранд, то ки бачагон хушбахт бошанд. Намояндагони «самти волюнтаристӣ» шавқу рағбатро бо иродаи шахсият алоқаманд медонистанд: шавқу рағбат ангезае барои амал, бартараф намудани мушкилот мебошад.

Дар боби дуввум омӯзиши хусусиятҳо ва моҳияти шавқи маърифатӣ, мундариҷаи механизму воситаҳои ташаккули он дар мактаббачагон нишон дод, ки натиҷабахшии ташаккули он дар алоқамандии бевосита бо мавҷудияти шавқи маърифатии омӯзгори оянда қарор дорад. Шавқи маърифатӣ яке аз сифатҳои шахсияти донишҷӯест, ки ихтисоси мазкурро интихоб кардааст, хислати ӯст, ки дар намуди кунҷкобӣ, донишдӯстӣ, фаъолмандӣ зоҳир мешавад. Шавқу рағбат дар шакли муносибати интихобии донишҷӯ ба ин ё он фанни таълимӣ падидор мегардад.

Ба ақидаи муаллиф, таҳқиқоте, ки бо ташкили фаъолияти таълимии хонандагон алоқаманд аст, ҳамчунин таҳлили таҷрибаи пешқадами омӯзгорон нишон доданд, ки шавқи маърифатӣ мисли ҳама гуна раванди психикӣ дар фаъолият ташаккул меёбад. Дар заминаи муносибати умумии нисбат ба таҳсил, ба фаъолияти таълимӣ, ба чеҳраҳо ва объектҳои дар он иштироккунанда худи фаъолияти таълимии хонандагон, ки омӯзгор ба роҳ мемонад, ташаккули шавқи маърифатиро ба анҷом мерасонад. Зимнан, дар синни хурди мактабӣ самтгирӣ ба воситаи фаъолияти таълимӣ тавлид мешавад. Дар синни миёнаи мактабӣ ин самтгирӣ дар фаъолияти муштараки коллективии мактаббачагон мустаҳкам мешавад. Дар синни калони мактабӣ азхудкунии воситаҳои

шудаанд ва мавқеи педагог дар такмили инкишофи шавқи маърифатии хонандагон дар раванди таълим муайян шудааст.

Дар заминаи омӯзиши таҳқиқот ва таҳлили таҷрибаи кор унвонҷӯ таъкид менамояд, ки дар сурати ташаккули шавқу рағбати устувори хонандагон ба маърифат раванди таълим самарабахш ҷараён гирифта, донишҳои онҳо амиқу мустаҳкам мешаванд. Зери таъсири шавқу рағбат равандҳои когнитивӣ (идрок, азхудкунӣ, тафаккур, мушаххасгардонӣ ва ғ.) фаъол мегарданд. Мавҷудияти шавқи маърифатӣ дар хонандагон барои афзудани фаъолнокии онҳо дар дарсҳо, ба ташаккули рӯҳияи мусбати эмотсионалии раванди таълим мусоидат менамояд. Пеш аз баррасии асосҳои назариявии омодагии омӯзгорон барои кор оид ба ташаккули шавқи маърифатии хонандагон пеш аз ҳама, асосҳои назариявии худи мафҳуми «шавқ» бояд мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Ба андешаи муаллифи рисола ангезаҳои таълим шавқу рағбат ба дониш ва раванди ба даст овардани онҳоро фаро мегиранд. Дар адабиёти психологию педагогӣ зери ангезаҳои (мотив) фаъолияти таълимии хонандагон майлу шавқҳои ботиние фаҳмида мешаванд, ки онҳоро ба муносибати бодиққат нисбат ба уҳдадориҳои таълимӣ, ғайратмандӣ, дақиққорӣ дар иҷрои супоришҳо ва ғайра водор мекунанд. Омилҳо (стимулҳо) таҳрикҳои берунаи фаъолияти таълимӣ мебошанд.

Масалан, ҳисси хуб ташаккулёфтаи вазифашиносӣ ангезаи омӯзиш мебошад, тақдим намудан ва ҷазо додан – омилҳо ба шумор мераванд. Ангезаҳо ва омилҳо дар алоқамандии зичи диалектикӣ қарор доранд. Онҳо ба ҳамдигар таъсир расонида, ба якдигар табдил меёбанд. Масалан, серталабии некхоҳона ва боадолатона нисбат ба хонандагон ҳамчун омил тадриҷан ба ҳисси масъулиятшиносӣ, ангезаи таҳсил табдил меёбад. Кӯшиши хонандагон дар таҳсил барои хурсанд кардани наздикон тадриҷан ба ҳисси қаноатмандии зеҳнӣ аз меҳнати таълимӣ табдил ёфта, ангезаи ботинии таҳсил мегардад.

умумии амалиёт бо вазифаҳои касбинтихобкунӣ ва фарогирии роҳҳои худомӯзӣ алоқаманд мебошад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки омӯзиши хусусиятҳо ва моҳияти шавқи маърифатӣ, мундариҷаи механизму воситаҳои ташаккули он дар мактаббачагон нишон дод, ки натиҷабахшии ташаккули он дар алоқамандии бевосита бо мавҷудияти шавқи маърифатии омӯзгори оянда қарор дорад. Шавқи маърифатӣ яке аз сифатҳои шахсияти донишҷӯест, ки ихтисоси мазкурро интихоб кардааст, хислати ӯст, ки дар намуди кунҷкобӣ, донишдӯстӣ, фаъолмандӣ зоҳир мешавад. Шавқу рағбат дар шакли муносибати интихобии донишҷӯ ба ин ё он фанни таълимӣ падидор мегардад.

Мутахассисон тасдиқ мекунанд, ки маҳз дар мактаб шавқу рағбати насли наврас ба намудҳои мухталифи фаъолият шакл мегирад. Дар рафти кор маълум гардид, ки донишҳои суст ва пешрафти сатҳаш паст дар донишҷӯёне ба назар мерасанд, ки шавқу рағбати онҳо ба фан дар сатҳи паст қарор дорад. Дар мувофиқат бо ин эътироф бояд кард, ки мавҷудияти шавқу рағбати устувор ба фанни махсус дар омӯзгори оянда шарти ҳатмии омодагии самараноки ӯ ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон мебошад.

Боиси тазаккур аст, ки корҳои озмоишӣ дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” гузаронида шудааст ва натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрогардида ба тавзеаи муносибатҳо ба ҳалли масъалаҳои омодагии омӯзгорони математика кор дар самти ташаккули ангезиши устувори мусбати ҳар як хонанда ба фаъолияти таълимӣ мебошад. Ин аз омӯзгор маҳорати таъмини асоснокӣ ва ангезавӣ будани тамоми кори таълимӣ ва баёни ҳар як мавзӯи барномаро тақозо менамояд.

Қайд карда шудааст, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба муайян кардани он, ки омӯзгор дар дарси математика кадом шаклҳои фаъолияти хонандагонро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи шавқи

маърифатии онҳо истифода мебарад; ошкор кардани он, ки омӯзгор зимни ба роҳ мондани ин ё он шакли фаъолияти хонандагон бо кадом мушкилот рӯбарӯ мешавад ва вазифаҳои ба миёнгузошта пурра иҷро карда, натиҷаҳои муайян ба даст оварда шуданд.

Албатта, бояд гуфт, ки таҳқиқоти диссертант оид ба масъалаи ташаккули шавқи маърифатии хонандагон ташкили дурусти фаъолияти инфиродии хонандагон дар шакли корҳои мустақилонаи шифоҳӣ оид ба ҳалли масъалаҳо мебошад.

Дар хотир бояд дошт, ки кори мустақилонаи бармаҳал гузаронидашуда боиси аз даст рафтани вақти таълимӣ мегардад. Дар марҳалаи ибтидоии азхудкунии ягон маҳорат ҳалли масъалаҳо зери роҳбарии бевоситаи омӯзгор бо иҷрои ҳал дар тахта самараи бештар медиҳад. Мундариҷа, ҳаҷми корҳои мустақилонаи хаттӣ, вақт ва басомади гузаронидани онҳо бояд аз ҷониби омӯзгор вобаста ба марҳалаи омӯзиши мавзӯъ, сатҳи омодагии хонандагон танзим гарданд.

Боиси зикр аст, ки он ҳама мақсаду вазифаҳое, ки аз тарафи диссертант дар муқаддима оварда шудааст, ба онҳо ноил гардида, вазифаҳои дар пеш гузошташуда пурра ба иҷро расонида шудаанд. Яке аз ҷиҳатҳои хуби диссертатсияи Қаҳорова С.Х. дар он мебошад, ки мушоҳидаи дарозмуддати фаъолияти омӯзгорӣ шаҳодат медиҳад, ки шавқмандии омӯзгор ба ташаккули шахсияти дигар, шахсияти таълимгиранда, соҳибмаълумот гардидани ӯ, тарбия ва инкишофи ҳаматарафаи ӯ мебошад. Табиист, ки барои ин дӯст доштани ин шахсият, муносибати некхоҳона ба ӯ зарур аст. Инсонпарварӣ, кордонии амиқ, масъулияти шаҳрвандӣ барои омӯзгор муҳиманд ва меҳнати ӯ пурра ба ташаккули инсони нав ҳамчун арзиши асосии маънавии ҷомеа тобеъст.

Дар маҷмуъ ба диссертант Қаҳорова С.Х. муяссар гардидааст, ки ба объекти пажӯҳиш назар карда, ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи диссертатсияро баррасӣ намояд. Таҳқиқоти ба охиррасида дорои аҳамиятҳои назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар

фаъолиятҳои илмиву таълимӣ бе ягон мамоният дар муассисаҳои олӣ истифода бурда мешавад.

Дастовардҳои натиҷаи таҳкикот дар омӯзиш ва ташаккули инкишофи шавқу рағбат, ки дар машғулияти амалӣ баррасӣ гардид, масъалаҳои математикӣ буданд. Дар машғулиятҳо донишҷӯён масъалаҳои аз рӯйи мавзӯи муайян интихобшуда ва ғайриқолабӣ, софизмҳои математикиро пешниҳод мекарданд, ки барои бедор намудан ва инкишоф додани шавқи маърифатӣ истифода мешаванд.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи диссертант мазмуни диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Хулоса, он матлаб ва нуқтаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, дар диссертатсия ба таври пурра, батафсил инъикос ёфта, диссертатсия таҳқиқоти ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад. Муваффақиятҳои диссертатсия зиёд ба чашм мерасад, лекин бар замми ин муваффақиятҳо баъзе аз камбудиҳо низ ба чашм намудор мегарданд:

1. Хуб мешуд, ки диссертант дар параграфи 2.1-и таҳқиқоти худ андешаҳои нисбати китобҳои дарсӣ аз математика овардаашон дар китобҳои амалкунандаи имрӯза то чӣ андоза ҷойгиранд, баён мекардаанд.
2. Дар рисола оиди корҳои олимони ватанӣ, ҳарчанд дар руйхати адабиёт баъзеашон оварда шуда бошанд ҳам, дар таҳлил ва истифода дарҷ наёфтаанд.
3. Дар диссертатсия хатоҳои техникӣ ва имлогӣ (саҳ. 50, 58, 71, 106 ва ғайра) ба назар мерасанд, ки бояд ислоҳ карда шаванд;
4. Маълумотҳо ва диаграммаи натиҷаи таҳқиқотҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ барои муқоиса паи ҳам нишон дода мешудаанд, ба мақсад мувофиқ буд;

Бо вуҷуди камбудиҳои зикршуда, ки ҳамаи онҳо ислоҳшаванда буда, ба арзиши илмии диссертатсия ягон монеа эҷод намекунад.

Фишурдаи диссертатсия дар маҷмӯъ ба аслияти худ пурра мувофиқат мекунад ва он хулосаҳое, ки бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба таври мухтасар бозгӯи диссертатсия мебошанд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна таҳти унвони «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳамаи талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

**Муқарризи расмӣ,**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
профессори кафедраи алгебра ва
геометрияи МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сатторов Абдурасул Эшбекович

*Имзои д.и.п., профессор А.Э.Сатторовро тасдиқ менамоям:*
*Сардори шуъбаи кадрҳо ва ва корҳои махсуси*
*МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар*
*ба номи Носири Хусрав»* *Шукурзод Ҷ.А.*

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

***Маълумот барои тамос:***
735240, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67
Тел.: (+992) 987-67-57-73. E-mail: asattorov50@mail.ru